- хулоса ба номгузории деҳаҳои Маданият 2 ба Манзара, Ситораи сурх ба Сафина, Ҳаёти нав 2 ба Сомонӣ, Ганҷбор ба Шаҳдбор (ҷамоати деҳоти Р. Исмоилов), Ваҳдатобод3 ба Шараф, Бузбит ба Чаманистон (ҷамоати деҳоти К. Исмоилов), Эловар ба Панҷдеҳ, гулрез 4 ба Хуррамдеҳ, Чиламазор 3 ба Файзбор, Заргар 2 Хайробод (ҷамоати деҳоти А. Абдулвосиев), Гирдоб ба сеоба, Баракат ба Саховат, Ҷавонон ба Саодат, Гулобод ба Нурофар (ҷамоати деҳоти Б. Бурунов), Тиллои сафед 1 ба Дурахшон, Даҳана 1 ба шифокорон, Ҳуснобод 2 ба Чашмасор, Шӯҳратёр ба Ифтихор, Ҷангалобод 2 ба Ганҷрез, Ҷангалобод 3 ба Бӯстон, Ҷангалобод 4 ба деҳаи Озодагон, Деҳқонобод 2 ба Қалъаи Гулистон, Кишоварз 2 ба Сароб, Ферма ба Заркамар (ҷамоати деҳоти Гулистон), Камонгарони боло ба Меҳрафшон, Пистамазори поён ба Ободон (ҷамоати деҳоти Баҳор), Хордараи ба Шоҳон (ҷамоати деҳоти Чӯянгарон), Саричинори узбек ба Чанористон (Ҷамоати деҳоти Симиганҷ);
- хулоса ба тағйири номгузории деҳаҳои Қулобод ба Қулоободи Ҷамоати деҳоти Чоргул,

Тошохӯр ба Боғдара ва Ӯтаган ба Гулибодоми Ҷамоати деҳоти Ҳ. Ҳусейнови ноҳияи Ёвон;
- хулоса ба тағйири номгузории деҳаи Ғаллазор ба номи Гадоев Давлат аз ҷамоати деҳоти М. Вайсови ноҳияи Восеъ;
- хулоса ба тағйири номгузории деҳаи Қарақчикуми ҷамоати деҳоти А. Лоҳутӣ ба Кӯҳандизи шаҳри Конибодом;
- хулоса ба тағйири номгузории деҳаи Арали ҷамоати деҳоти А. Лоҳутӣ ба ба номи Ғиёсов Қадриддин ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ;
- хулоса ба тағйири номгузории деҳоти Меҳнатобод ба номи Одинаев Саид ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;
- хулоса ба тағйири номгузории деҳаи Охҷари ҷамоати деҳоти Миралӣ Маҳмадалиев ба номи Каримов Давлат ноҳияи Восеъ;
- хулоса ба тағйири номгузории деҳоти Деҳқонариқ ба номи Қаюмов Ҷурахон ноҳияи Фархор.
- Хулоса ба номгузории ноҳияи Панҷ ба номи Бегов Ғанӣ (18-уми августи соли 2015, №592);
- хулоса ба номгузориҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и деҳаи Шаҳрибарбари Ҷамоати деҳоти Доғистон ба номи Ҷумъахон Ҳотамов, Муассисаи таҳсилоти ибтидоии №55-и деҳаи Шуҷи ҷамоати деҳоти Даштиҷум ба номи Қурбон Мадуллоев, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и деҳаи Ёли ҷамоати деҳоти Нуриддин Маҳмудов ба номи Сӯфӣ Ёрмадов ва Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №36-и деҳаи Лангари ҷамоати деҳоти Лангардара ба номи Раҳим Орифов аз ноҳияи Шӯрообод (аз 6-уми октябри соли 2015, 1/422-02);
- Хулоса ба номгузории шаҳраки Пролетари вилояти Суғд ба номи Деваштич;
- хулоса ба номгузориҳои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и Ҷамоати деҳоти Чоргул ба номи Нарзулло Бобоёров ва номгузории Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22 ба номи Сайфиддин Наҷмиддинов аз ноҳияи Ёвон;
- хулоса ба тағйир додани номи деҳаи Қирғочак ба Анористон (аз ҷамоати деҳоти Обшорон), Тутбулоқи ноҳияи Ёвон (дастгиришуда) аз 26-уми октябри соли 2015, №1/1030;
- хулоса оид ба тағйир додани номи деҳаҳои Қамишқурғон ба Хуҷистон, Қароқазон ба Исфаҳон (Чоҳи Исфаҳон) (дастгиришуда) ва Қурғонча ба Заркор (радшуда)-и ноҳияи Ашти вилояти Суғд (аз 9-уми ноябри соли 2015, №4275);
- хулоса оид ба тағйир додани номи ҷамоати шаҳраки Обикиик ба Ганҷинаи ноҳияи Хуросон. Кумита дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ, баъди омӯзишу баррасии номгузории мазкур номи шаҳраки мазкурро дар шакли Обикек тавсия додааст;
- хулоса оид ба ивази номи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29 ба номи Олег Кошевойи Ҷамоати деҳоти Ситораи Сурхи ноҳияи Ёвон ба номи Нарзулло Валиев;
- хулоса оид ба номгузорӣ намудани Литсейи касбӣ-техникии ноҳияи Восеъ ба номи Рустам Амакиев;
- Хулоса ба Вазорати маориф ва илми ҶТ оид ба номи яке аз баҳрҳои уқёнуси Ором, - баҳрҳои «Баҳри Шарқӣ» (Баҳри Ҷопон)»;
- Хулоса ба номгузории муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Кӯлоб аз номи В.П.Чкалов ба номи Сафармуҳаммад Аюбӣ;
- Хулоса ба номгузории деҳаҳои Олтоул ба Гулрез ва Мирапоқ ба Сафар Амиршо (дастгиришуда) ва ивази номи деҳаҳои Дамариқ ба Баҳористон ва Бешкаппа ба Яккачинор (радшуда). Кумита номи деҳаи Дамариқро дар шакли «Дамарғоб» ва ё «Дамарғо» ва дар иртибот ба номи ҷуғрофии деҳаи Бешкаппа номи «Панҷкаппа»-ро тавсия намудааст;
- хулоса ба тағйир додани номи деҳаи Арал ба Яп аз ноҳияи Восеъ;
- хулоса ба номгузории маҳаллаи 14-уми шаҳри Кӯлоб ба номи Зардаков Қурбон Кумита (Қурбон Зардак);
- хулоса ба номгузории ҷамоати деҳоти Сайёди Шаҳритус ба номи Садриддинов Талбак;
- хулоса ба қарорҳои тағйир додани номи деҳаҳои Чойлобкамар ба Кӯҳдоман ва Тутбулоқ ба Зулоли ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (радшуда). Кумита номи деҳаи Чойлобкамарро ба «Кӯҳкамар» ва Тутбулоқро ба «Зулолчашма» тавсия намудааст;
- хулоса ба номгузории Кохи фарҳанги шаҳри Панҷакент ба номи Олим Бобоев Кумита

(Олим Искандар);
- хулоса ба номгузории деҳаи навбунёди Ҷамоати деҳоти Сучони ноҳияи Шуғнон ба номи Раҳмонобод;

- хулоса ба номгузории деҳаҳои Кӯктош ба Кабудсанг, Камартош ба Камаргоҳ (радшуда), Тигирмонтеппа ба Осмондара (радшуда), Кичик Шурнова ба Шӯрноваи Хурд ва Чангал ба Ҷангалаки шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд;
- хулоса ба номгузории Муассисаи давлатии литсейи №1-и ноҳияи Фархор ба номи Акбархон Муслимов Кумита (Акбархон Муслим);

- хулоса ба номгузории деҳаҳои Ғалчамулло ба Боғистон, Хамирҷӯй ба Шодоб, Шӯрқӯрғон ба Иттифоқ, Қӯрғонча ба Меҳргон, Шаҳидқараянтоқ ба Диловарон, Яккатерак ба Чаманзор, Қизилнур ба Дурахшон, Янги Равот ба Райбати шаҳри Конибодоми вилояти Суғд (дар баррасӣ);
- хулоса ба тағйири номи деҳаҳои Учбоғ ба Боғистон, Осариқ ба Сойча, Тошлоқ ба Меҳробод, Чақар ба Маданият аз ҷамоати деҳоти Ёва; деҳаҳои Уяс ба Оҳучашма, Қароҷингил ба Заробод, Терак ба Сафедор, Аҷдарли ба Сангдара аз ҷамоати деҳоти Исмоил; деҳаҳои Каттаолчали ба Олучазор, Кичиколчали ба Арчазор аз ҷамоати деҳоти Чашмасори ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд (дар баррасӣ).

Аз ин теъдод 44 номи маҳаллии аҳолинишин рад карда шуд. Кумита бо дарназардошти масъалаи такрори номҳо ва номгузорӣ бо номи ашхос, ҳамчунин сарфи назар гардидани ҳангоми интихоби номи маҳалҳои аҳолинишин ба хусусиятҳои таърихӣ ва ҷуғрофии ин ё он мавзеъ, зисту зиндагонии мардум тағйири номи деҳаҳои Тошбулоқро ба Наврӯзӣ, Оғуртиро ба Баҳор аз Ҷамоати деҳоти Садриддин Айнӣ, Муғуллои поёнро ба Меҳробод, Гурраҳаро ба Чашмасор, Дашти Хорзорро ба Гулистон ва Девдараро ба Ориёно аз Ҷамоати деҳоти Айнӣ, Кӯктеппаро ба Спитамен аз Ҷамоати деҳоти Зидеҳ, Обизак-Шолиқунғуротро ба Мавлавӣ, Дуобаро ба Раҳмон Абдуллоев аз Ҷамоати деҳоти Чорбоғ ва Дурманбулоқро ба Абдузариф Шарифов аз Ҷамоати деҳоти Лучоб, Чойлобкамар ба Кӯҳдоман, Янгиюл ба Баракат; Чубек ба Файзи Истиқлол, Қарағоч ба Тоҷмаҳал, Бузхона ба Баҳористон, Ғараб ба Чаманоро, Маслуқ ба Дурахшон, Тутбулоқ ба Зулол, Нуғай ба Зарнисор, Туғул ба Челонзор, Марғоб ба Челонзори ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Қулобод ба Қулоободи Ҷамоати деҳоти Чоргул, Тошохӯр ба Боғдараи ҷамоати деҳоти Ҳ. Ҳусейнови ноҳияи Ёвон, Ғаллазор ба Гадоев Давлати ноҳияи Восеъ, Ҳаёти нав 2 ба Сомонӣ (аз ҷамоати деҳоти Р. Исмоилов), Ҷангалобод 2 ба Ганҷрез, Ҷангалобод 3 ба Бӯстон, Ҷангалобод 4 ба Озодагон, Ферма ба Заркамар (ҷамоати деҳоти Гулистон)-и шаҳри Ваҳдатро рад намуд.

Қобили зикр аст, ки кормандони Кумита дар асоси нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2015, №5 бо мақсади баланд бардоштани маърифати номгузории шаҳрвандон ва эҳтироми суннату арзишҳои неки фарҳанги миллӣ, ҳангоми пешниҳоди номзадҳо ба мансабҳо ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмини риояи тартиби номгузорӣ, аз ҷумла барои тағйир додани номи ноҳияҳои Панҷ, Ҷиликӯл, Қумсангир, шаҳрҳои Қайроққум, Чкалов, шаҳракҳои Нов ва Пролетар ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ҷаббор Расулов, Спитамен, Ҷиликӯл, Қумсангир, Панҷ ва шаҳрҳои Қайроққум, Чкалов, Нов ва Пролетар, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш, Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ, Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик мактуб ирсол намуда, пас аз пешниҳоди хулосаҳои дахлдор аз натиҷаи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи дахлдор пешниҳод хоҳад намуд.

Таҳияи санад ва гузоришҳо

Дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кумита қарорҳои Ҳайати мушовара, фармоиш, нақшаи чорабиниҳо, гузоришҳо таҳия гардида, ба тасвиб расидаанд. Аз ҷумла:

1. Қарори Ҳайати мушовара «Дар бораи фаъолияти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ва вазифаҳо барои нимсолаи аввали соли 2015»;
2. Қарори Ҳайати мушовара «Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи аввали соли 2015»;

3.Ҳисоботи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 ва вазифаҳо барои соли 2015 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4. Гузориши Кумита дар асоси супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2014, №272/10 ҷиҳати таъмини иҷрои банди 27-и маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2014 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2012-2016 дар вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳои дахлдор;
5. Нақшаи чорабиниҳои Кумита бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21 феврал);
6. Таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳод намудани он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
7. Ҳамзамон, Кумита дар соли равон таҳияи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2026»-ро дар нақша дорад.
8. Таҳияи Нақшаи чорабиниҳо оид ба таҷлили Рӯзи забони давлатӣ.

Чорабиниҳо

Дар давраи ҳисоботӣ 19-уми феврали соли 2015 бахшида ба ҷашни Рӯзи байналмилалии забони модарӣ, ки ҳамасола 21-уми феврал таҷлил мегардад, Кумита дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» мизи мудавварро бо иштироки намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Кумита, роҳбарият ва кормандони Китобхонаи миллӣ ва намояндагон аз Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмии кишвар, ташкилоту ҷамъиятҳои ақаллиятҳои миллии сокини Тоҷикистон, аз ҷумла, намояндагони ҷамъияти қазоқон дар Тоҷикистон - «Байтерек», ҷамъияти туркманҳо дар шаҳри Душанбе, Ассотсиатсияи кореягиҳои советии Тоҷикистон, Маркази миллӣ-фарҳангии «Дуслик»-и тотору бошқирдҳои Тоҷикистон, Ташкилоти осетинҳои Тоҷикистон «Алания» ва «Иристон», Иттиҳоди доғистониёни Тоҷикистон «Анжи», ташкилоти ҷамъиятии тоторҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Умет», Обшинаи немисҳои шаҳри Қӯрғонтеппа ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар Китобхонаи миллӣ баргузор намуд.

Дар мизи мудаввар раиси Кумита Гавҳар Шарофзода аз таърихи таҷлили ин ҷашни байналмилалӣ ва фаъолияти ташкилоту ҷамъиятҳои ақаллиятҳои миллии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Зимни суханронии раиси Кумита қайд гардид, ки имрӯз дар Тоҷикистон 16 ташкилоту иттиҳодия ва ҷамъиятҳои ақаллиятҳои миллӣ ба қайд гирифта шуда, фаъолияти пурсамар мекунанд.

Сипас, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Мансур Суруш иштирокдоронро ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ табрик намуда, қайд кард, ки ҳарчанд соли 1989 забони мо мақоми давлатӣ гирифта бошад ҳам, раванди инкишофу рушди он дар даврони Истиқлолияти кишвар нумӯъ кард, ки пешвои ин сиёсат Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Инчунин, мавсуф таъкид намуд ки: «Ба муҳаққиқони забоншиноси мо зарур аст, риштаҳои ноомӯхтаи таърихи забони тоҷикиро пурратар омӯхта, онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд».

Ҳамчунин, намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби масъули

Комиссияи миллии ЮНЕСКО Бахтӣ Сарвар сухан карда, аз сарфарозии соҳибзабонон ҷиҳати афзуда шудани забони тоҷикӣ ба феҳрасти тарҷумаи пойгоҳи «Гугл» дар шабакаи интернетӣ ёдовар шуд.

Дар мизи мудаввар, инчунин, муҳаққиқи забонҳои бадахшонӣ -Мирбобоев А. дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ ва муҳаққиқи забони яғнобӣ – Мирзоев С. мудири шуъбаи забоншиносии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ маърӯза карданд. Ин муҳаққиқон аз мушкилоти густариш ва ҳимояи ин забонҳо сухан карда, зери таҳдиди хатари нестшавӣ қарор гирифтани забонҳои мазкурро мавриди муҳокима қарор доданд.

Дар мавриди ҳимоя ва рушди забонҳои яғнобӣ ва помирӣ (бадахшонӣ) пешниҳод гардид, ки барои намояндагони ин минтақаҳо шароитҳои бештар фароҳам оварда шавад. Аз ҷумла, зиёд намудани соатҳои дарсӣ, нашри китобҳо бо забони мардумони ин минтақа, пажӯҳиш ва таҳқиқи вазъи таърихиву фарҳангии ин забонҳо, бо забонҳои мазкур баргузор намудани силсилаи барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ҳафтае як маротиба ва ғайра.

Ҳамзамон, намояндагони дигар ташкилоту ҷамъиятҳои ақаллиятҳои миллии муқими кишвар андешаҳои худро аз фаъолияти некандешонаи худ дар роҳи ҳифзу посдории фарҳангу забон, анъанаҳои миллии ҳар халқу миллат ва дастовардҳои эшон дар ин самт иброз доштанд.

Мақсад аз баргузории чунин чорабинӣ дар арафаи Рӯзи байналмилалии забони модарӣ бо ҷалби пажӯҳишгарон ва намояндагони халқу миллатҳои гуногуни кишвар аз он иборат буд, ки ҳар як қавму миллат бояд ба забони модарӣ ва фарҳангу анъанаҳои миллии хеш арҷгузор бошад ва баҳри ҳимояи он талош варзида, онро аз хатари нестшавӣ эмин нигоҳ дорад, зеро забон худ ҳастӣ ва пойдории ҳар як миллат аст.

Дар анҷом, шумораи ҷашнии рӯзномаи «Ганҷи забон»-и Кумита, ки бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ аз ҷониби Кумита махсус нашр шуда буд, ба ҳамаи иштирокдорон тақдим гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ 16-уми феврали соли ҷорӣ бо иштироки аъзои бахшҳои техникӣ ва забоншиносию кишоварзии Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот ва мураттибони «Донишномаи русӣ–тоҷикии тарроҳӣ»-и фарҳангномаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар асоси даъвати Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони Кумита дар мизи мудаввар таҳти мавзӯи «Омӯзиши забони яғнобӣ ва мушкилоти он», ки рӯзи 18-уми феврали соли ҷорӣ бахшида ба ҷашни «Рӯзи забони модарӣ» баргузор гардид, иштирок намуданд. Дар семинар масъалаи ҳифзи забони яғнобӣ ва фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ барои мардуми яғнобизабон баррасӣ шуд. Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки бо мақсади ҳимоя ва рушди ин забон барои аҳолии минтақаҳои яғнобинишин соатҳои омӯзиши забони яғнобӣ зиёдтар карда шуда, гирдоварӣ ва пажӯҳиши ин забон аз лиҳози таърих, забоншиносӣ, мардумшиносӣ, фолклоршиносӣ ва бостоншиносӣ аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдомҳои зарурӣ ва саривақтӣ роҳандозӣ карда шаванд.

Қобили зикр аст, ки 10-уми марти соли ҷорӣ дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино семинари илмиву назариявӣ дар мавзӯи «Танзим ва ҳамгунсозии истилоҳоти тиббӣ дар забони тоҷикӣ» баргузор гардид. Дар семинар олимону устодон дар мавзӯъҳои «Мушкилоти истилоҳсозӣ дар бахши ҷарроҳӣ», «Истилоҳоти соҳаи акушерӣ ва гинекологӣ чӣ гуна бояд сохта шавад?», «Роҳҳои танзими истилоҳоти бахши бемориҳои дарунӣ», «Вазъи истилоҳоти бахши бемориҳои кӯдакона беҳбудӣ мехоҳад», «Истилоҳоти бахши бемориҳои сироятӣ чӣ гуна интихоб карда шаванд?», «Танзими истилоҳоти соҳаи психиатрия, асабшиносӣ ва ҷарроҳии асаб чӣ тавр бояд сурат бигирад?», «Роҳҳои сохтан ва интихоб кардани истилоҳот дар соҳаи беҳдошту эпидемиология», «Истилоҳоти тиббӣ-назариявӣ (анатомия, гистология, биология, физиология) ба танзим ва ҳамгунсозӣ зарурат доранд», «Вазъи имрӯзаи истилоҳоти фармакология, фармасевтӣ ва химия якрангиро мехоҳад», «Истилоҳоти стоматологӣ бояд танзим карда шаванд» маърӯза

намуданд. Дар ҳамоиш зикр гардид, ки новобаста аз он ки то ба имрӯз қисми зиёде аз истилоҳоти соҳавӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ҳанӯз ҳам дар ин самт мушкилоти зиёде вуҷуд доранд. Дар бештари маврид ҳангоми тарҷумаи матни китобҳои дарсӣ ва истилоҳоти соҳавӣ мутахассисон ноогоҳона ва бидуни дарки мафҳум ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ роҳ медиҳанд. Дар интиҳо пешниҳод гардид, ки чунин нишаст дар ду моҳ як маротиба дар бахшҳои тахассусӣ роҳандозӣ карда шавад.

Баргузории чунин силсилаи семинарҳо дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ дар назар аст.

Бо дархости Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми феврали соли ҷорӣ барои кормандони дастгоҳи марказӣ ва ҳайати шахсии Агентӣ бо иштироки узви бахши Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот, гурӯҳи кории Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ, масъалаи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ шарҳу тавзеҳ дода шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Нақшаи чорабиниҳои Кумита аз 26-уми июни соли 2014, №3/3 озмуни «Беҳтарин тарғибгари забон»-ро, ки қаблан бахшида ба Иди байналмилалии Наврӯз эълон карда буд, рӯзи 16-уми марти соли равон дар толори «Конуни забон»-и Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо намоиши китобҳо ва маҷлиси тантанавӣ ҷамъбаст намуд.

Дар озмун раиси Кумита, аъзои Ҳайати мушовара, сардорони шуъбаю мудирони бахшҳои Кумита, роҳбарият ва кормандони Китобхонаи миллӣ ва намояндагон аз вазорату идораҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмии кишвар, роҳбарони маҳфили «Посдорон ва дӯстдорони забон», мақомоти шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ, ташкилоту муассисаҳо, Мактаби байналмилалии Президентӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

Маросими ҷамъбасти озмунро раиси Кумита Гавҳар Шарофзода ифтитоҳ намуда, аз бузургиву таърихи дурударози забони тоҷикӣ ва ҳамчун забони давлатдорӣ садсолаҳо арзи ҳастӣ карда омадани он дар Шарқи мутамаддин маълумоти муфассал пешниҳод намуда, иброз дошт, ки имрӯз ин забон дар кишвари мо мақоми давлатӣ дораду Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушду густариши он чораҳои зарурӣ меандешад.

Қайд гардид, ки озмун ба хотири арҷгузорӣ, пос доштан ва тарғиби забони давлатӣ дар ҷомеа созмон дода шуда, ҳадафи он аз миёни наврасону ҷавонон дарёфтани ровиёну наттоқони беҳтарин ва дар ин самт саҳмгузор будани ҳар фарди ҷомеа мебошад.

Баъдан, олимону санъаткорон ва рӯзноманигорони радиои Тоҷикистон ба сухан баромада, мардумро бори дигар баҳри арҷгузорӣ ба ин забон ва фарҳанги ғанӣ даъват намуданд.

Дар доираи чорабинӣ устодону хонандагони Мактаби байналмилалии Президентии шаҳри Душанбе бо барномаи даъват аз арҷгузорӣ ба забони давлатӣ баромад карда, табъи ҳозиринро шод намуданд.

Сипас, директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода М.З., дар суханронии худ аз мушкилоти истилоҳоти ҳуқуқии забони тоҷикӣ ёдовар шуда, мутахассисону муҳаққиқони забоншинос ва соҳавиро ба истилоҳсозии дуруст даъват намуд. Ҳамчунин, Маҳмад Забир қайд намуд, ки дар як соли охир қариб 240 санади меъёрии ҳуқуқӣ ба забони тоҷикӣ коркард шудааст.

Дар озмун, инчунин, узви Ҳайати мушовара С. Назарзода суханронӣ карда, аз ҷумла зикр намуд, ки дар Китобхонаи миллӣ сарчашмаҳое мавҷуданд, ки ба қарнҳои дуюми мелодӣ мансуб буда, аз ҳастии калимаи «тоҷик» дарак медиҳанд.

Дар анҷом, Комиссияи озмун чорабиниро ҷамъбаст намуд. Барои саҳми арзанда дар роҳи тарғиби забони давлатӣ туҳфаҳои хотиравии Кумита ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Инчунин, барои саҳмгузорӣ дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» беҳтарин тарғибгарони забон - довталабони озмун бо Сипосномаи Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр карда шуданд.

Ҳамчунин, мутобиқи дархости Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16-уми марти соли 2015, №28/7-204, 20-уми март бо тавсия ва дархости Кумита узви гурӯҳи кории «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» Кабиров Шаҳбоз дар машғулиятҳо таҳти мавзӯи «Омӯзиши қоидаҳои имлои нави забони тоҷикӣ» барои тайёрии хизматӣ ва омодабошии кормандони Вазорат иштирок намуда, масъалаи мазкурро шарҳу тавзеҳ дод.

Дар давраи ҳисоботӣ Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Нақшаи чорабиниҳои семинари илмию амалӣ “Оид ба масоили татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” 30-юми июни соли равон дар толори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон баргузор намуд.

Дар семинари мазкур раиси Кумита, муовини раиси Кумита, сардорони шуъбаю мудирони бахшҳои Кумита, роҳбарият ва кормандони Китобхонаи миллӣ ва намояндагони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ташкилоту муассисаҳо ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок доштанд.

Маросими ифтитоҳии семинарро раиси Кумита Гавҳар Шарофзода ифтитоҳ намуда, сипас муовини раис Матробиён Саодатшоҳ аз таърих ва пайдоиши забони тоҷикӣ, ки забони давлатӣ буда, аз густариши он дар қаламрави кишварҳои Шарқи мутамаддин маълумоти муфассал пешниҳод намуда, иброз дошт, ки мутаассифона имрӯз ворисони ин забон дар навиштаҷоти лавҳаю овезаҳо ва номгузории марказҳои савдо ва хизматрасонӣ ғалат навишта, Қоидаҳои имлоро риоя намекунанд ва дар истифодаи он аз истилоҳоти бегона ва гӯшхарош истифода менамоянд.

Қайд гардид, ки семинар оид ба татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, арҷгузорӣ, поку беолоиш нигоҳ доштани он аз истилоҳоти бегона мебошад.

Дар семинар, инчунин, узви Ҳайати мушовара С. Назарзода суханронӣ намуд.

Мутобиқи банди 3-и қисми 3-и Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон ва мувофиқи банди 60-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2015, №106 «Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015» 27-уми июли соли 2015 Конференсияи байналмилалиро таҳти унвони «Масоили вожагузинӣ ва истилоҳоти забони форсӣ-тоҷикӣ» дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо иштироки муҳаққиқону донишмандони кишвар ва намояндагони Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ҳамчунин, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмию таҳқиқотӣ, Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳоти Кумита ва намояндагони воситаҳои ахбори омма баргузор намуд.

Бояд тазаккур дод, ки бо ибтикори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли аввал аст, ки дар ҷумҳурӣ роҷеъ ба масоили вожагузинӣ ва истилоҳоти забони форсӣ-тоҷикӣ дар соҳаҳои тахассусӣ конференсияи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ баргузор гардид. Дар конференсия зиёда аз 150 нафар олимон, муҳаққиқон, таълимгарон ва рӯзноманигорон иштирок намуданд.

Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология Гавҳар Шарофзода оғоз намуд. Сипас, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Марҳабо Ҷабборӣ, раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон доктор Ғуломалӣ Ҳаддод Одил, сафири Ҷумҳурии

Исломии Эрон дар Тоҷикистон доктор Ҳуҷҷатуллоҳ Фағонӣ ва намояндаи сафорати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Дар конференсия 13 маърӯзаи илмӣ аз ҷониби мутахассисони бахшҳои гуногуни забоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз он ҷумла, «Танзим ва ташхиси истилоҳот дар мисоли як намуна аз вожаи форсӣ-тоҷикӣ» (узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор Додихудо Саймиддинов), «Вижагиҳои грамматикии пасванди -don (-dun) дар забони яғнобӣ» (номзади илми филология, дотсент Сайфиддин Мирзоев), «Баъзе масъалаҳои танзими истилоҳоти муосири тиббӣ дар забони тоҷикӣ» (номзади илми филология, дотсент Абдулло Юсупов), «Забони форсӣ – забони илм» (доктор Насрин Парвизӣ – Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон), «Инъикоси истилоҳсозӣ дар имлои забони тоҷикӣ» (доктори илми филология, профессор Сайфиддин Назарзода), «Ҷанбаҳои миллӣ ва ғайримиллӣ дар истилоҳгузинии забони тоҷикӣ» (доктори илми филология Сахидод Хоркашев), «Нававарии вожагон дар форсии муосир» (доктор Алоиддин Таботабоӣ), «Забон ва истилоҳнигории тоҷикӣ дар даврони Истиқлол» (доктори илми филология Мирзоҳасан Султонов), «Вожасозии навин дар забони форсӣ» (доктор Алиашраф Содиқӣ), «Зуҳуроти нави наввожаҳои электронӣ» (доктори илми филология Туғрал Шокиров), «Баъзе мулоҳизаҳо дар атрофи истилоҳоти маъмурӣ-коргузорӣ» (номзади илми филология, дотсент Мастура Абдураҳмонова ва аспиранти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ифтихор Давлатов), «Аз сарнавишти як вожа дар забони форсӣ-тоҷикӣ» (доктори илми филология Рустам Шодиев), «Ҳамгунсозии дастур ва истилоҳоти забоншиносӣ» (доктори илми филология Фарангис Шарифова), «Вижагиҳои вожасозии номгузорӣ ба ашхос дар забони вахонӣ» (номзади илми филология, дотсент Саодатшо Матробиён).

Дар интиҳои кори Конференсия пас аз баррасии фикру мулоҳизаҳо ва музокираҳо аз ҷониби ҳайати иштирокдорон тавсияномаи Конференсия бо дарназардошти дурнамои таҳқиқи истилоҳоти соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмию техникӣ дар ҳавзаҳои форсизабонони ҷаҳон, омӯзиши таҷрибаи Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бахшҳои истилоҳнигорӣ, фарҳангнигорӣ, решашиносӣ, забоншиносии компютерӣ, таҳқиқи муқоисавии масоили вожагузинӣ ва истилоҳот, ҳамгунсозии истилоҳоти ҳавзаҳои форсизабон, омӯзиши муқоисавии таърихии забонҳои мардумони эронизабон, баргузории силсилаи конференсия ва семинарҳо ба таври зайл қабул гардид:

1) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва донишгоҳу донишкадаҳои кишвар ҷиҳати омода намудани мутахассисон барои омӯзиши таҷрибаи Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар самти вожагузинӣ тадбирҳои мушаххас андешад:

а) таъсиси давраҳои омӯзишии «Вожагузинӣ ва истилоҳшиносӣ», «Барномарезии махзани истилоҳот», «Вожагузинӣ ва фановарии иттилоотӣ», «Забоншиносӣ ва фановарии иттилоотӣ»;

б) омода намудани мутахассисони соҳавӣ дар самти истилоҳнигорӣ, фарҳангнигорӣ (бахусус фарҳангнигории электронӣ), решашиносӣ, забоншиносии компютерӣ мутобиқ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ.

2. Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва донишгоҳу донишкадаҳо масъалаҳои зеринро роҳандозӣ намояд:

а) таҳқиқи муқоисавии масоили вожагузинӣ ва истилоҳот;

б) гирдоварӣ ва таҳқиқи вожагузинии осори классикӣ;

в) танзим ва гурӯҳбандии истилоҳоти соҳавӣ;

г) ҳамгунсозии баъзе истилоҳоти кишварҳои ҳамзабон, ки доираи истифодабариашон фарох

мебошад.

3) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академияҳои соҳавӣ, пажӯҳишгоҳҳо ва донишгоҳу донишкадаҳо дар ҳамкорӣ бо Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷиҳати ҳамгунсозии баъзе истилоҳоти соҳавӣ дар кишварҳои ҳамзабон тадбирҳои зарурӣ андешад.

4) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастури меъёрҳои таърихии вожасозӣ ва истилоҳнигорӣ»-ро таҳия намояд.

5) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакӣ, Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвияти омӯзиши муқоисавии таърихии забонҳои эронӣ ва гӯишҳои мардумии ҳавзаҳои форсизабон, масъалаи омӯзиш ва таҳияи алифбо ба забонҳои зери хатар қарордошта (гурӯҳи забонҳои помирӣ ва забони яғнобӣ) чораандешӣ намоянд.

6) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати арҷгузорӣ ба забони давлатӣ кори комиссияҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро пурзӯр намуда, барои ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари комиссияи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

7) Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷиҳати баргузории силсилаи конференсия ва семинарҳо дар самти вожагузинӣ ва истилоҳот барои ҳар сол тадбирҳои мушаххас андешад.

Ҳамчунин қобили зикр аст, ки мутобиқи нақшаи Барномаи ташрифи ҳайати Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон субҳи рӯзи 27-уми июл мулоқоти раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон сурат гирифт. Дар мулоқот ҳамзамон муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Саодатшо Матробиён, сардори шуъбаи танзими истилоҳот Нуқра Аҳмадова, сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Ҳуҷҷатуллоҳ Фағонӣ, намояндаи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳуҷҷатуллоҳ Халилӣ, намояндаи Бунёди Саъдии Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, раиси Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, Алӣ Ашраф Содиқӣ узви пайваста ва мудири гурӯҳи фарҳангнигорӣ, Насрин Парвизӣ муовини мудири гуруҳи вожагузинии Фарҳангистон Алоиддин Таботабоӣ узви Фарҳангистон ва коршиноси аршади гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон ширкат намуданд.

Гавҳар Шарофзода робитаи ҳар ду муассисаро хуб арзёбӣ намуда, зикр карданд, ки умед дорем оянда фаъолияти дуҷонибаро бештар дар самти омода намудани мутахассисон дар бахшҳои вожагузинӣ, фарҳангнигорӣ ва таърихи забонҳои бостон бештар вусъат бахшем.

Ғуломалӣ Ҳаддод Одил иброз намуд, ки таҷрибаи Фарҳангистон дар ин самт хеле хуб буда, он дар заминаи омӯзиши таҷрибаи илмиву амалии кишварҳои бузурги Аврупо, аз ҷумла Франсияву Австрия ҳамчунин заҳмати 25-солаи мутахассисон роҳандозӣ гардидааст. Ҳамчунин, мо дар зарфи ин чанд сол як давраи омӯзиши дусоларо бо мақсади омода намудани истилоҳшиносони касбӣ дар ҳайати 10 нафар ба нақша гирифтем, ки моҳи сентябри соли равон ин иқдом амалӣ мегардад. Мо умедворем, ки робитаҳои дуҷонибаро дар самти вожашиносӣ ва истилоҳнигорӣ тақвият бахшида, ҷиҳати ҳамгунсозии истилоҳоти кишварҳои ҳамзабон саҳмгузор бошем.

Дар интиҳои суҳбат аз ҷониби ҳар ду ҳайат пешниҳод гардид, ки зимни табодули таҷрибаи фарҳангнигориву истилоҳшиносӣ дар баробари забонҳои англисӣ, форсӣ забонҳои русӣ ва тоҷикӣ низ роҳандозӣ карда шавад. Ҳамчунин, бо мақсади табодули афкори забоншиносону

истилоҳшиносон ва фарҳангнигорони ҳар ду кишвар аз тариқи рӯзномаи «Ганҷи забон» матлаби бештаре роҳандозӣ карда шавад.

Пас аз мулоқот ҳайати Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Конференсияи «Масоили вожагузинӣ ва истилоҳоти забони форсӣ-тоҷикӣ» иштирок намуда, суханронӣ ва маърӯза карданд.

Ҳамчунин, мутобиқи нақшаи Барномаи ташрифи ҳайати Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон 28-уми июл мулоқоти раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил бо президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ баргузор гардид.

Дар мулоқот ҳамзамон раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Саодатшо Матробиён, сардори шуъбаи танзими истилоҳот Нуқра Аҳмадова, сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Ҳуҷҷатуллоҳ Фағонӣ, намояндаи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳуҷҷатуллоҳ Халилӣ, намояндаи Бунёди Саъдии Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, Алӣ Ашраф Содиқӣ узви пайваста, мудири гурӯҳи фарҳангнигорӣ Насрин Парвизӣ муовини мудири гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистон ва Алоиддин Таботабоӣ узви Фарҳангистон ва коршиноси аршади гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон ширкат варзиданд.

Ҳадаф аз мулоқот боз ҳам таҳким бахшидани равобиту ҳамкориҳои илмӣ миёни ду кишвари ҳамзабон ва дӯсту бародар иборат буд.

Зимни мулоқот академик Фарҳод Раҳимӣ перомуни масоили корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва дақиқ сухан ронда, ҳамзамон оид ба рафти фаъолияти пурсамари олимони тоҷик дар мавзеъҳои таърихӣ-кишваршиносии Саразм, Панҷакенти қадим, Фархору Ҳисор ва димнаи Карон ва экспедитсияҳои кашшофӣ-тадқиқотӣ муфассал маълумот дод.

Раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил зимни нишаст аз фаъолияти Фарҳангистон ва нақши забони миллӣ дар густариши забони илм, таърихи пайвастаи ҳар ду кишвари ҳамзабон суҳбат намуд.

Дар интиҳо пешниҳод гардид, ки дар масоили таҳқиқи рисолаҳои илмӣ дар самтҳои гуногун, бахусус тарҷумаи китобҳои илмиву таҳқиқотӣ, коркарди истилоҳоти соҳавӣ ва истифода аз таҷрибаҳои дуҷониба боз ҳам тақвият дода шавад.

Қобили зикр аст, ки рӯзҳои 28 ва 29-уми июл дар маҷлисгоҳи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кормандон ва устодони донишгоҳу донишкадаҳо семинари илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Фарҳангнигорӣ ва истилоҳот» баргузор гардид. Дар семинар донишмандони эронӣ Алиашраф Содиқӣ узви пайваста ва мудири гурӯҳи фарҳангнигории Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Насрин Парвизӣ муовини мудири гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистон, ҷаноби оқои Алоиддин Таботабоӣ, узви Фарҳангистон ва коршиноси аршади гурӯҳи вожагузинӣ иштирок ва суханронӣ карданд.

Дар семинар перомуни таҷрибаи фарҳангнигорӣ дар Тоҷикистону Эрон изҳори ақида намуданд. Махсусан мутахассисони эронӣ аз таҷрибаи бистсолаи луғатнависиашон маълумот дода, диққати ҳозиринро ба фарҳангнигории компютерӣ ҷалб карданд, ки самаранокии кору вақтр о афзун мегардонад.

Роҷеъ ба масоили луғатнигории Институт Сангинов Аҳмад ва Каримов Саид, устоди Донишгоҳи миллӣ Мисбоҳиддин Нарзиқул баромад карданд. Семинарро директори Институт Сахидод Хоркашев ҷамъбаст карда, кори семинарро босамар донист.

Ҳамчунин, дар Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик 29-уми июл мулоқоти раиси

Кумита ва ҳайати меҳмонони эронӣ Алиашраф Содиқӣ узви пайваста ва мудири гурӯҳи фарҳангнигории Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Насрин Парвизӣ муовини мудири гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистон ва Алоиддин Таботабоӣ узви Фарҳангистон ва коршиноси аршади гурӯҳи вожагузинӣ бо кормандони Сарредаксия баргузор гардид. Меҳмонон зимни мулоқот дар бораи фаъолияти забоншиносони эронӣ дар самти вожасозиву вожагузинӣ ва фарҳангнигорӣ иттилои хуберо дастраси олимони тоҷик намуданд. Қайд карда шуд, ки Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ дар зарфи 21 соли фаъолияти худ дар Эрон дар ин самт корҳои назаррасеро анҷом додааст.

Чунончи, 50 ҳазор вожаи ҷадиди форсиро дар баробари 50 ҳазор вожаи илмии нави забонҳои ғарбӣ ё сохтаанд, ё интихоб кардаанд ва ё тарҷума намудаанд, ки ин теъдод вожаҳо 70 риштаи мухталифи ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ, иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ин корро беш аз 400 нафар олимони забоншинос анҷом додаанд ва имрӯз ҳам идома медиҳанд. Маҳсули заҳматҳои олимони забоншинос дар як силсилае таҳти унвони «Ҳазорвожаҳо» пайваста ба нашр расида истодааст.

Дар ҳоли ҳозир 15 ҷилди «Ҳазорвожаҳо» дар риштаҳои пизишкӣ, заминшиносӣ, физика, химия, равоншиносӣ, улуми инсонӣ, улуми низомӣ, ҳамлу нақл, муҳандисӣ ва ғайра аз чоп баромадаанд. Ду ҷилди дигари ин силсила дар дасти чоп аст. Забоншиносони эронӣ изҳори умедворӣ карданд, ки хуб мешуд агар дар оянда ҳамзабонони тоҷику афғониашон дар ин масъала онҳоро дастгирӣ намуда, дар ҳамкорӣ ва ҳамбастагӣ битавонанд вожаномаҳоеро дар риштаҳои мухталифи илм, сиёсат, иқтисодиёт таҳия бинамоянд, ки истеъмол ва истифодаи онҳо дар муҳити илмӣ-фарҳангӣ ва адабии ин се кишвар баробар қобили қабул бошанд.

Дар ин мулоқот роҳбарони Сарредксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик ва Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон тавофуқ карданд, ки ҷонибҳо аз ин ба баъд ҳар китоберо, ки ба нашр мерасонанд, ба китобхонаҳои ниҳодҳои ҷониби дигар чанднусхагӣ ҳадя менамояд. Гузашта аз ин ҷонибҳо, агар ҳавасмандӣ ба ҳуруфи расмии кишварашон чоп кардани китобҳои банашррасидаи тарафи дигар бошанд, ин иҷозаро низ бидуни расмиятчигӣ ба якдигар медиҳанд.

Тибқи Нақшаи корӣ 29-уми июл дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» мулоқоти директори Китобхонаи миллӣ бо раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил баргузор гардид.

Ҳамзамон, дар мулоқот раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гавҳар Шарофзода, сардори шуъбаи танзими истилоҳот Нуқра Аҳмадова, сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Ҳуҷҷатуллоҳ Фағонӣ, намояндаи Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳуҷҷатуллоҳ Халилӣ, намояндаи Бунёди Саъдии Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ ва раиси Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ва Алӣ Ашраф Содиқӣ узви пайваста ва мудири гурӯҳи фарҳангнигорӣ, Насрин Парвизӣ муовини мудири гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистон ва Алоиддин Таботабоӣ, узви Фарҳангистон ва коршиноси аршади гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон иштирок доштанд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо пешниҳод намуданд, ки китобҳои тозанашр ба ҳар ду ҷониб ирсол карда шавад.

Тибқи Нақшаи корӣ 30-юми июл ҳайати меҳмононро раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳуҷҷатулллоҳ Фағонӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе гусел намуданд.

Ҳамчунин, 11-уми августи соли ҷорӣ мулоқоти раиси Кумита бо намояндаи Бунёди Саъдии Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, раиси Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон Ҳасани Қарибӣ баргузор гардид. Дар нишаст масъалаи тақвияти ҳамкориҳо дар самти вожагузинӣ ва фарҳангнигорӣ баррасӣ гардид.

Ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки китоби Ҳазорвожаи пизишкии Фарҳангистонро бо тафсирҳои иловагии истилоҳот ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ то декабри соли ҷорӣ таҳия ва нашр хоҳанд

намуд. Тафсири иловагии Ҳазорвожаҳои дигар низ дар оянда ба нақша гирифта шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар таҳияи китоби мазкур аъзои Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳоти Кумита ва мутахассисони варзида ҷалб карда мешаванд.

4-уми сентябри соли равон мулоқоти раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардид. Дар мулоқот ҳамзамон муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳот Саодатшо Матробиён, сардори шуъбаи танзими истилоҳот Нуқра Аҳмадова, намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Оймаҳмадов, раиси Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ва намояндаи Бунёди Саъдии Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ Ҳасан Қарибӣ ва Фирӯз Набиев намояндаи Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ ширкат намуданд.

Раиси Кумита робитаи ҳар ду муассисаро хуб арзёбӣ намуда, зикр карданд, ки ин ҳамкориҳо дар доираи Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда истодааст.

Қобили зикр аст, ки дар заминаи ин Ёддошти тафоҳум ва иқдомҳои банақшагирифташуда амалӣ шуда истодааст. Ҷудо намудани квота ва ҷалби мутахассиси Кумита ба нахустин давраи магистратура дар самти вожагузинӣ ва истилоҳшиносӣ дастоварди дигари ҳамкориҳои мост.

Сипас, Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил иброз намуд, ки таҷрибаи Фарҳангистон дар ин самти вожагузинӣ ва истилоҳшиносӣ хеле хуб буда, он дар заминаи омӯзиши таҷрибаи илмиву амалии кишварҳои бузурги Аврупо, аз ҷумла Франсияву Австрия ҳамчунин заҳмати 25-солаи мутахассисон роҳандозӣ гардидааст. Ҳамчунин, мо дар зарфи ин чанд сол як давраи омӯзиши дусоларо бо мақсади омода намудани истилоҳшиносони касбӣ дар ҳайати 10 нафар ба нақша гирифта будем, ки пас аз мулоқоти қаблӣ ки 27-уми июли ҳамин сол баргузор гардида буд, як нафар корманди Кумитаро дар ин гурӯҳ шомил намудем. Мо умедворем, ки робитаҳои дуҷонибаро дар самти вожашиносӣ ва истилоҳнигорӣ тақвият бахшида, ҷиҳати ҳамгунсозии истилоҳоти кишварҳои ҳамзабон саҳмгузор бошем.

Ҳамчунин, дар мавриди такмил ва таҳияи бахши истилоҳоти тиббӣ китоби «Ҳазорвожа» (англисӣ-форсӣ)-ро бо иловаи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бисёр кори муфид дар роҳи ҳамкориҳо мешуморем.

Мутобиқи талаботи Қатъномаи Конференсияи байналмилалии «Масоили вожагузинӣ ва истилоҳоти забони форсӣ-тоҷикӣ» хазинаи «Ганҷвожа»-и Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар шакли электронӣ дар хизмати Шумо қарор мегирад.

Зимни суҳбат Ҳаддоди Одил иброз дошт, ки бисёр хуб мебуд, ки ҳар матолибе, ки чи аз тарафи Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон бо хатҳои форсию кириллӣ нашр гардад, барои ошноии бештари ҳар ду ҷониб бо ин забонҳо хеле хуб мешавад.

Ҳамчунин, бо мақсади табодули афкори забоншиносону истилоҳшиносон ва фарҳангнигорони ҳар ду кишвар аз тариқи рӯзномаи «Ганҷи забон» матлаби бештаре роҳандозӣ карда шавад.

Пас аз мулоқот Ҳаддоди Одил бо кормандони Кумита шинос шуда, дар самти фаъолит барояшон комёбиҳоро таманно намуд.

Ҳамчунин, мутобиқи дархости муовини гурӯҳи вожагузинии Фарҳангистони забон ва адаби форсии Ҷумҳурии Исломии Эрон аз
25-уми августи соли 2015, №Б-1198/2144 ва 12-уми сентябри соли 2015, №Б1101/2439 ширкати як нафар корманди Кумита дар давраи магистратура дар бахши «Вожагузинӣ ва истилоҳшиносӣ» ба муддати 2 сол дар назар аст.

Қобили зикр аст, ки Кумита дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2015, №106 «Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ ва илмию техникӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2015», банди 4-и боби 4-и Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нимсолаи дуюми соли 2015 ва қисми 1-и Нақшаи баргузории чорабиниҳо бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Умри забон ба умри миллат вобаста аст» аз 18-уми сентябри соли 2015, №26/4-25299 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон кормандони шуъба дар баргузории Конференсияи илмии ҷумҳуриявии «Номҳои ҷуғрофӣ ва суннати номгузорӣ», бо иштироки донишмандони забоншинос баргузор намуд.

